آوازتاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

4 июни соли 2025
Чоршанбе
№ 45
(15160)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## МАҚСАД – РОҲ ЁФТАН БА БОЗОРҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПО

***Ҳоло муносибати шарикии фарогири стратегии байни Ӯзбекистон ва Италия мустаҳкам мегардад, ки барои рушди иқтидори иқтисодии вилояти Бухоро низ имкониятҳои васеъ фароҳам меоварад.***



*Чунончи, соли гузашта табодули мол дар байни вилоят ва Италия тақрибан ба 5 миллион доллар расид. Ҳаҷми содироти маҳсулоти бофандагӣ ва кишоварзӣ дар бозорҳои ин мамлакат ба ҳадди 500 ҳазор доллар наздик шуд. Маҳсулоти корхонаи коркарди шири Lattico, ки дар шаҳри Бухоро ҷойгир аст, низ дар Италия харидорони худро пайдо кард.*

*– Бо дарназардошти он ки амнияти хӯрокворӣ дар Ӯзбекистон масъалаи асосӣ ба шумор меравад, соли 2022-юм мо дар ҳаҷми 8 миллион доллар сармоя ҷалб намудем ва дар пойгоҳи бренди итолиёӣ корхона ташкил кардем, – мегӯяд роҳбари шуъбаи корхонаи мазкур Ҷамшед Ҷамилов. – Тамоми таҷҳизот автоматӣ кор мекунанд, ки имкон медиҳад дар як шабонарӯз 30 тонна маҳсулоти ширӣ истеҳсол карда шавад. Мо 60 фоизи бозори маҳаллиро фаро гирифтаем.*

*Дар идомаи кори мазкур дар Ӯзбекистон лоиҳаи бузург бинобар расонда додани маҳсулоти рақобатбардор ба бозорҳои аврупоӣ татбиқ карда мешавад.*

*– Тамоми таҷҳизот барои ин корхона аз ҷониби ширкатҳои машҳури итолиёӣ махсус истеҳсол шуданд. Маҳсулоти ширӣ бо фермаҳои махсус дар корхонаҳо коркард мешаванд, асолати онҳо бо кӯмаки технологияҳои пешқадам ҳифз мегарданд. Низоми рақамии идоракунӣ корро сабук мекунад, суръат ва сифати истеҳсолотро баланд мебардорад. Ҳоли ҳозир шарикони итолиёӣ ба мо бобати тайёр кардан ва бастубанди панирҳои итолиёиву фаронсавӣ, йогуртҳои юнонӣ кӯмак мерасонанд. Ин маҳсулот бинобар муҳлати мадиди нигаҳдориашон барои ба бозорҳои осиёӣ ва аврупоӣ содир кардан имкониятҳои васеъ доранд, – мегӯяд сартехнолог Галина Дремаретска.*



*Lattico дар пояи меъёрҳои аврупоӣ тақрибан 50 хели маҳсулоти ширӣ истеҳсол мекунад. Корхона ният дорад иқтидори истеҳсолиро то охири сол аз ҳисоби вусъат додани ҷуғрофияи содирот зиёд кунад.*

*– Дар корхона 80 корманд дар ду навбат кор мекунанд, – мегӯяд муовини директори он Дамир Рафиқов. – Маҳсулоти шириро дар Ӯзбекистон таҳлил намуда, шарикони итолиёиамон ба мо технологияҳои дахлдорро расонда доданд. Мо ягон намуди иловагии шири хушк ва омехтаҳои тайёрро истифода намебарем, ба шарофати ин ба маҳсулотамон талабот зиёд аст. Агар ба натиҷаҳои мониторинг эътибор диҳем, метавон мушоҳида кард, ки мо дар 10 вилояти Ӯзбекистон харидорони худро дорем. Татбиқсозии лоиҳаи нави содиротӣ барои бозорҳои осиёӣ ва аврупоӣ идома дорад.*

*Ба шарофати имкониятҳои зиёде, ки дар кишвари мо фароҳам оварда шудаанд, корхона сертификати сифати дараҷаи байналмилалиро ба даст овард, ҳамчунин дар ҳамкорӣ бо Италия ба комёбиҳои бузург муваффақ гардид. Мо бо ин қонеъ намешавем, ҳоло бобати ба даҳгонаи маҳсулоти беҳтарини Аврупо дохил кардани панири Ӯзбекистон тадқиқоти илмӣ бурда мешаванд.*

**Зариф КОМИЛОВ, хабарнигори ЎзА.**
***Суратгир: А. ИСТАДОВ (ЎзА).***

## ӮЗБЕКИСТОН – РАИСИ КУМИТАИ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ УМУМИИ СЕССИЯИ 113-УМИ КБМ

***2 июн дар шаҳри Женева иҷсияи 113-уми Конфронси байналмилалии меҳнат (КБМ) оғоз ёфт.***

КБМ мақомоти олии Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ) ба шумор меравад, ки дар он масъалаҳои умумии меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин меъёрҳои байналмилалии меҳнат баррасӣ мешаванд ва сиёсати умумии созмон муайян мегардад. Дар чорабинӣ беш аз 3000 намояндаи ҳукуматҳо, корфармоён ва коргарон аз 187 кишвари узви СБМ иштирок мекунанд.

Дар доираи чорабинӣ бо қарори якдилонаи ҳайати кишварҳои узви Созмони байналмилалии меҳнат бори аввал дар таърих Намояндаи доимии Ӯзбекистон дар назди шуъбаи СММ дар Женева раиси Кумитаи масъалаҳои умумии иҷлосияи 113-уми КБМ (General Affairs Committee, CAG) интихоб гардид.

Кумита, ки як сохтори доимии КБМ мебошад, дар таъмин кардани фаъолияти самараноки конфронс, баррасии масъалаҳои мураккаби идоракунӣ ва таъмини устувории институтсионалии СБМ нақши стратегӣ дорад. Аз ҷумла, вай масъалаҳое, ки аз ҷониби конфронс ба он вогузор мешаванд, баррасӣ намуда, хулосаҳо омода мекунад ва фаъолияти СБМ-ро бо таваҷҷуҳ ба масъалаҳои тартиботӣ, ташкиливу идоракунӣ ва сохторӣ таҳти назорат қарор медиҳад.

Дар чаҳорчӯбаи ҷаласаҳои худ Кумита лоиҳаи қатънома бобати баргузории Саммити дуюми ҷаҳонӣ оид ба рушди иҷтимоӣ дар соли 2025, тасдиқи ислоҳҳо ба Кодекси Конвенсияи меҳнати баҳрии соли 2006, ҳамчунин масъалаҳои ҳамкории минбаъдаи Мянмар бо СБМ ва лоиҳаи қатънома оид ба иштироки Фаластин дар чорабиниҳои созмонро баррасӣ хоҳад кард.

Интихоби намояндаи Ӯзбекистон ба чунин мансаби баланди масъулиятнок дар чаҳорчӯбаи яке аз кумитаҳои калидии СБМ аз болоравии нуфузи байналмилалии кишварамон ва эътирофи саҳми фаъоли он дар рушди муколамаи иҷтимоии ҷаҳонӣ ва дастовардҳояш дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ шаҳодат медиҳад.

Он инчунин, ба Ӯзбекистон имконияти нодир фароҳам меорад, то дар ташаккули қарорҳои стратегӣ саҳм гузорад, симои худро дар низоми ҳуқуқи меҳнати байналмилалӣ таҳким бахшад ва садоқати худро ба принсипҳои идоракунии самаранок, ҳуқуқи инсон ва меҳнати шоиста нишон диҳад.

Ба ақидаи намояндагони СБМ ва шарикони сегонаи кишварҳои узв, таъйини намояндаи Ӯзбекистон ба ҳайси раиси Кумита ҳамчун эътирофи ислоҳот дар соҳаи меҳнат, беҳтар намудани шароити шуғл, тавсеаи ҳуқуқу имкониятҳои кормандон, инчунин садоқат ба рӯҳи сеҷониба ва принсипҳои СБМ арзёбӣ мешавад.

Изҳори итминон карда шуд, ки зери раёсати Ӯзбекистон Кумитаи масъалаҳои умумӣ фаъолияти худро бо сатҳи баланди масъулият, фарогирӣ ва шаффофият ба роҳ монда, баррасии самараноки масъалаҳои афзалиятноки рӯзнома ва таҳкими минбаъдаи иқтидори институтсионалии СБМ-ро таъмин хоҳад кард.

Иҷлоси КБМ то 13 июн идома хоҳад кард.

**АИ "Дунё",**
ш. *ЖЕНЕВА*

## МАСЪАЛАҲОИ ОМОДАГӢ БА ОЛИМПИАДА БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

***Имрӯзҳо дар замири мусобиқаҳои варзишӣ, чемпионатҳои дохилӣ, "Олимпиадаи панҷ ташаббус", "Қуллаҳои олимпии Ӯзбекистони Нав", ки дар кишварамон гузаронида мешаванд, тарбияи авлоди нави варзишгарони бомаҳорат ниҳон аст, ки метавонанд шаъну шарафи Ватани моро дар арсаи байналмилалӣ, махсусан дар Бозиҳои олимпӣ сазовор ҳимоя кунанд.***

Дар чорабинӣ, ки дар Вазорати варзиш доир гардид, роҷеъ ба муаррифии лоиҳаи қарор оид ба омодасозии маҷмӯии варзишгарони Ӯзбекистон ба Бозиҳои тобистонаи олимпӣ ва паралимпӣ, ки соли 2028 дар шаҳри Лос-Анҷелеси ИМА гузаронида мешавад, сухан рафт.

Вазири варзиш Адҳам Икромов аҳамияти ба даст овардани самарадориро дар мусобиқоти варзишие, ки дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалии варзишӣ гузаронида мешаванд, таъкид намуда, доир ба зарурати таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои асосии омодагии варзишгарони кишварамон ба Бозиҳои олимпии «Лос-Анҷелес–2028» ибрози назар кард.

Дар муаррифӣ саркотиби Кумитаи миллии олимпӣ Ойбек Қосимов, муовини раиси Кумитаи миллии олимпӣ Шерзод Тошматов, мутахассисони Вазорати варзиш ва масъулини сохторҳои дахлдор ба масъалаҳои дар лоиҳаи қарор пешбинишуда ва вазифаҳое, ки ҷиҳати таҳкими натиҷаҳои "Париж-2024" анҷом дода мешаванд, таваҷҷуҳ намуданд.

Дар чорабинӣ вазифаҳои афзалиятноки омода намудани варзишгарони Ӯзбекистон ба Бозиҳои олимпӣ ва паралимпӣ баррасӣ гардида, аз рӯйи ин масъалаҳо ба масъулин супоришҳои дахлдор дода шуд.

**Тӯлқин РӮЗИЕВ,**
**мухбири ЎзА.**

***Муносибат***

***Солҳои охир ба шарофати фароҳам овардани шароити васеъ барои соҳибкорӣ дар минтақаҳои мамлакатамон шумораи корхонаҳои хурди истеҳсолӣ меафзояд. Дар натиҷа шаҳрвандон бо кор таъмин гардида, маҳсулоти бозоргир истеҳсол мешавад. Аммо вазъияти ноустувори кунунии ҷаҳон тақозо мекунад, ки дар ин самт боз ҳам фаъолтар кор карда, маҳсулоти хушсифату рақобатпазирро истеҳсол намоем.***

## ДАСТГИРИИ БРЕНДҲОИ МИЛЛӢ — ОМИЛИ РУШД

Роҳбарони соҳаҳои саноат, ҳокимиятҳои маҳаллӣ бояд дар ин раванд бо дарёфти имкониятҳо ва корбурди захираҳои дохилӣ, таклиф ва ташаббусҳои навро ба миён гузоранд.

Беҳуда набуд, ки таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев бахшида ба масъалаҳои бевосита ба ин самт мутаалиқ – вазифаҳои афзалиятноки рушди саноати маҳаллӣ ҷамъомади видеоселекторӣ гузаронида шуд. Зеро, ҳар як давлат, пеш аз ҳама барои ҳифзи соҳаҳое, ки шумораи бештари ҷойҳои кориро фароҳам менамоянд, бояд чораҳо андешад.

Ба рақамҳо диққат кунем, аён мешавад, ки дар бофандагӣ, истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ ва мебелсозӣ барин соҳаҳои мамлакат қариб 1 миллион нафар аҳолӣ кор мекунанд.

Дар чор моҳ дар мамлакати мо истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 6,3 фоиз афзуда, ба 290 триллион сӯм расид. Ҳаҷми содирот 20 фоиз афзуда, 6 миллиарду 350 миллион долларро ташкил дод.

(Давомаш дар саҳ.2).

***СУПОРИШИ ПРЕЗИДЕНТ – ДАР АМАЛ***

## БА ШУНАВАНДАГОНИ КУРСИ ОМӮЗИШӢ СЕРТИФИКАТҲОИ МИЛЛӢ СУПУРДА ШУДАНД

***Дар ҷамъомади видеоселекторие, ки 13 декабр таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев бахшида ба натиҷабахшии корҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва вазифаҳои афзалиятнок барои соли 2025 баргузор шуда буд, вазифаҳои марбут ба ташкили курсҳои омодагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар барои довталабон ва фарзандони синфи хатмкунандаи оилаҳои камбизоат ва ниёзманд муайян гардиданд.***

Дар асоси ин супориш, дар Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогии Деҳнав, воқеъ дар вилояти Сурхондарё, курси фанни биология таъсис дода шуд. Барои баланд бардоштани дониши фарзандони оилаҳои ниёзманд аз фанҳои умумитаълимӣ бо ҳамкории шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳияи Деҳнав, тақрибан даҳ нафар хонанда, ки ба фанни биология завқ доранд, ба ин курс ҷалб гардиданд. Профессорон ва устодони кафедраи биология ва технологияҳои маҳсулоти кишоварзии факултаи фанҳои дақиқ ва табиии донишкада барои онҳо шароити иловагӣ фароҳам оварда, сирри фанро амиқ омӯзониданд. То ба ҳол чор нафар аз онҳо аз имтиҳонҳо бомуваффақият гузашта, соҳиби сертификати миллӣ гардиданд, ки дар имтиҳони дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ имтиёз медиҳад.

– Имсол мактабро хатм мекунам. Ба фанни биология бисёр шавқ дорам, – мегӯяд хонандаи мактаби таълими умумии рақами 89-уми ноҳия Мадина Маматқулова. – Ташкили курси омӯзишӣ аз ҳамин фан дар донишкада барои ман як имконияти бузург аст. Дар вақти холӣ дар донишкада устодон дарсҳои иловагӣ гузаштанд ва дар муҳлати кӯтоҳ дониши худро мустаҳкам намудам. Аз рӯи сатҳи дониши фан соҳиби сертификати миллӣ шудам, ки барои дохил шудан ба муассисаи таҳсилоти олӣ имтиёз медиҳад. Аз ин хеле шодам. Ҳоло бовари ман ба таҳсил дар самти касбе, ки аз кӯдакӣ ба он шавқ доштам, боз ҳам бештар гардид.

Хонандагони мактаби рақами 22-юми ноҳия Таҳмина Ҳамидова ва Зофина Муродқулова, ҳамчунин хонандаи мактаби рақами 3-юм Робия Ашӯрова низ соҳиби сертификати миллӣ шуданд.

– Ҳанӯз дар соли аввали фаъолияташ курс натиҷаҳои хуб нишон дода истодааст, – мегӯяд омӯзгори кафедраи биология ва технологияҳои маҳсулоти кишоварзии донишкада А. Боллиев. – Шунавандагони мо бо шавқи зиёд асрори фанро меомӯзанд ва орзуи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олиро доранд. Дар оянда ният дорем, ки фаъолияти ин курсро густариш диҳем ва ҷавононро бештар ҷалб намоем.

Ректори донишкада Ойбек Рӯзиев ба донишомӯзоне, ки дар курс дониши амиқ гирифтанд, сертификати миллӣ ва туҳфаҳо тақдим намуда, ба таҳсил ва ҷустуҷӯҳои минбаъдаашон бурдбориҳо таманно кард.

**Холмуъмин МАМАТРАЙИМОВ,**
**мухбири ЎзА.**

## ӮЗБЕКИСТОН – ҲАМКОРИ АСОСИИ ИТАЛИЯ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

### НАТИҶАҲОИ ҲАМОИШИ САТҲИ ОЛӢ ДАР САМАРҚАНД АЗ НИГОҲИ ХОРИҶИЁН

***Сафари Сарвазири Италия Ҷорҷа Мелонӣ ба Ӯзбекистон, ки 28-29 майи соли 2025 баргузор шуд, ба марҳилаи муҳими рушди муносибатҳои дуҷонибаи байни Рим ва Тошканд табдил ёфт, он инчунин як рӯйдоди муҳим дар заминаи густариши муколамаи амиқтари Италия бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад.***

***Чорабиниҳои ҳамоиш дар Самарқанд — шаҳре, ки маркази таърихӣ барои ҳамкориҳои байналмилалии минтақа мебошад, баргузор гардиданд.***

***Коршиносон таъкид мекунанд, ки интихоби Ӯзбекистон ҳамчун нахустин кишвар барои сафари расмии Ҷорҷа Мелонӣ дар минтақа шаҳодати нақши махсуси Тошканд ҳамчун ҳамкорӣ асосӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Ин нишонаи талоши ҳарду ҷониб барои муколамаи фаъолонаи сиёсӣ, густариши робитаҳои иқтисодӣ ва ҳамоҳангсозии талошҳо оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ аст.***

**Профессори Донишгоҳи СЕУ Сан-Пабло Антонио Алонсо (Испания):**

– Ин сафар умед ба ҳамкории осоишта ва шукуфоиро дар ҷаҳони мураккаб афзоиш медиҳад. Ҳадафи асосии он на танҳо амиқ кардан ва густариш додани ҳамкориҳо байни Тошканд ва Рим, балки баёнгари ҷонибдории Италия аз ислоҳоти муҳими Президент Шавкат Мирзиёев мебошад. Ҳамзамон, фаромӯш набояд кард, ки Ҷорҷа Мелонӣ на танҳо намояндаи Италия, балки як овози муҳим дар Иттиҳоди Аврупо низ ҳаст.




Италия яке аз кишварҳои пешбари Иттиҳоди Аврупо — ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам ба туфайли нақше, ки Ҷорҷа Мелони ҳамчун Сарвазир иҷро мекунад, маҳсуб меёбад.

Музокирот, ки дар Маркази конгресси Самарқанд баргузор шуданд, сатҳи баланди шарикӣ миёни Ӯзбекистон ва Италияро ҳамчун шарикони стратегии боэътимод тасдиқ намуданд.

(Давомаш дар саҳ.2).

Акси садо

# КИТОБХОН БОЯД БУД!

Пас аз мутолиаи хабари «Озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» мақоми байналмилалӣ гирифт» («Овози тоҷик», 28-уми майи соли 2025, №43) хеле шод гаштам. Ин иқдом қобили дастгирист. Чанд соли охир тавассути «оинаи нилгун» аз рафти ин озмун дар Тоҷикистон бохабар ҳастам. Озмуни мазкур дар Тоҷикистон давоми сол фаъолият намуда, синну соли мухлисони гуногунро дарбар мегирад. Бо баъзе аз иштирокчиёни озмун суҳбат низ намудаам. Ҳама аз иштирок мамнунанд. Бисёр ҷавонон дар ҷодаи илм, аллакай, натиҷаҳои назаррасро соҳиб гаштаанд. Ғолибон соҳиби тӯҳфаҳои моливу пулӣ шудаанд. Дар як барнома хонандаи синфи 7-ум иброз дошт, ки 78 номгӯи китобҳои бадеиро пешкаш намудааст ва тайёр аст, ки бо ҳакамон саволу ҷавоб намояд. Хуб мешуд, зери таъсири ин иқдом шогирдони мо низ китобхон шаванд. Муаммои ҷиддие, ки имрӯз дар байни хонандагон ва ҳатто омӯзгорон доман паҳн намудааст, дурӣ аз китоб аст.

Тасаввур кунед, ки дар маскани илму маърифат кор мекунеду дар он на хонанда китоб мехонаду на омӯзгор. Ба фикрам, шармандагӣ ҳамин аст. Ин нуқсон ба қавле «мода» шудааст. Ин иқдом ҳанӯз дар моҳи апрели соли 2017 аз тарафи сарвари давлатамон пешкаш гардида буд. Ба ин иқдом на ҳама муассисаҳои таълимӣ ҷиддӣ назар намуданд.

Мо китоб нахонем, фарзандони мо намехонанд ва фарзандон нахонанд, табиист, ки набераҳои мо низ намехонанд. Пас чӣ мешавад? Камсаводӣ, камшуурӣ...

Аз ин рӯ, озмуни мазкур бояд дар ҳамаи муассисаҳои дахлдор, алалхусус, муассисаҳои таълимӣ ба таври оммавӣ гузаронида, ба ин кор ҳомиён ҷалб карда шаванд. Ин иқдом ягона василаест, ки моро дубора ба китоб ошно мегардонад ва аз вартаи бесаводӣ мераҳонад.

Аз қадим то имрӯз китоб ҳамчун воситаи густариши маънавият, васеъ намудани ҷаҳонбинӣ, баланд бардоштани дониш ва ғайра хизмат намуда омадааст. Имрӯз дар замони мо китоб хор аст.

Барои чӣ? Чаро? Шахси китобхон чӣ дар гуфтор, чӣ дар рафтору фикру муомила, фаҳмиши шахсӣ аз дигарон ба куллӣ фарқ менамояд. Мехостам озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст...» дар муассисаҳои таълимӣ гузаронида шавад ва ба тоифаву мавқеи омӯзгор таъсиррасон бошад. Бо дастгирӣ кардани ин озмун мо ба олами китоб ворид мешавем. Кӣ будани худро, ниёгонамонро мефаҳмем.

Китоб дӯсти беҳтарини инсон ва ҳатто беҳтар аз дӯст аст. Пас, биёед «китобхон» бошем.

**Сулаймон СОДИҚ,**
**омӯзгори мактаби рақами 9-уми ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд.**



*Дар ноҳияи Қарокӯл низ сафи ташаббускорону соҳибкорон меафзояд. Азима Раҳмонова аз ҷумлаи онҳост. Ӯ дар маҳаллаи «Тинчлик» тадбиркориро бо як мошини дарздӯзӣ оғоз карда буд. Имрӯз ӯ аз ҷумлаи соҳибкорони муваффақ мебошад. Дӯзандаи моҳир барои маъракаҳои нишоти ҳамдиёрон, оила ва хонадонҳои онҳо таҷҳизоти зарурӣ, аз ҷумла кӯрпаву кӯрпача, болин ва ғайраро омода мекунад. Ба наздикӣ бо тавсияи ёвари ҳокими ноҳия дар маҳалла барои инкишоф додани кори дӯзандагӣ ва васеътар кардани фаъолияти тадбиркорӣ, ҳамчунин фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ба Азима Раҳмонова 30 миллион сӯмина воми бонкӣ ҷудо карда шуд. Зеро ҷойҳои нави корӣ баҳри бо манбаи даромади доимӣ таъмин кардани аҳолии маҳалла хидмат мекунанд.*

***Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Бухоро.***

# КОМЁБИИ КИРМАКПАРВАРОНИ ВИЛОЯТИ БУХОРО

***Кирмакпарварони диловари вилояти Бухоро дар ҷумҳурӣ аввалин шуда нақшаи солонаи пилласупориро иҷро карданд. Боиси хурсандист, ки дар вилоят сол то сол истеҳсоли пилла афзуда, бобати пешравии соҳа мактаби таҷриба ташаккул ёфтааст.***

Соли ҷорӣ дар инкубатсияҳои ҳудуд 52 ҳазору 388 қуттӣ тухмӣ – кирмакҳои абрешимӣ ҳосил карда шуда, баъди нигоҳубинии оқилона натиҷаи дилхоҳ дастрас гардид. Ба пунктҳои қабул ба ҷойи 3143 тоннаи нақша 3186 тонна ҳосил ворид гардид. Дар давоми мавсим дар 5-то кластери пиллаистеҳсолкунӣ: ҷамъиятҳои масъулияташон маҳдуди «Romstar», «Kumushkent ipagi», «Gijduvon ipak tola», «Silk seriyes», «Silk lile», хоҷагиҳои фермерии ҳамкор, звеноҳои оилавию хонакорӣ қариб 110 ҳазор нафар аҳолӣ бо кор таъмин шуданд.

Звеноҳои оилавию хонакорон дар давоми меҳнати аз як моҳ зиёдтари худ беш аз 130 миллиард сӯм даромади умумӣ гирифтанд. Ба онҳо дар аввали мавсим 26 миллиарду 200 миллион сӯм маблағи пешакӣ дода шуд. Гуфтан ҷоиз аст, ки аз ҳар як қуттӣ ба ҳисоби миёна 65-70 килограммӣ ҳосил гирифтанд.

Ба комёбии вилоят кирмакпарварони ноҳияҳои Олот, Рометан, Шофиркон, Когон, Пешкӯ, Бухоро, Вобканд ва Қарокӯл саҳми арзанда гузоштанд.

Дар вилоят фароҳам оварда шудани пойгоҳи боэътимоди кирмакпарварӣ – захираи ниҳолҳои тут омили муҳими муваффақият гардид. Пешбинӣ шудааст, ки баъди коркарди такрории ҳосил ба андозаи 12 млн. доллари ИМА содироти ашёи хоми абрешим ба ҳамкорони хориҷӣ сурат мегирад. Комёбии ҳосили аввалини сол, бешубҳа, заҳматкашони соҳаи кишоварзии вилоятро баҳри иҷрои нақшаҳои ғаллаю пахта рӯҳбаланд месозад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

## *ХАБАРҲО*

### ҶАШНИ ЯКАСРАИ МАКТАБ

**Дар арафаи анҷоми соли таҳсил дар мактаби миёнаи рақами 20-уми деҳаи Чодак ҷашни садсолагии мактаб баргузор гардид.**

Дар он омӯзгорон, хонандагон, хатмкунандагони мактаб, собиқадорони меҳнат, меҳмонон иштирок намуданд.

Директори мактаб Хуршед Баҳромов, собиқадори меҳнат Асатулло Насруллоев ва дигарон дар бораи таърихи якасраинаи мактаб ҳарф заданд.

Дар чорабинӣ ҳокими вилоят Шавкатҷон Абдураззоқов, ҳокими ноҳия Аъзамҷон Султонов низ баромад карданд.

Барои ҷамъомадагон дар тӯйхонаи «Нуруллохон» дасторхони идона ороста шуд.

**Шуҳрат ИНЪОМОВ,**
**ноҳияи Попи вилояти Намангон.**

### МУСОБИҚАҲО ДАР РӮҲИЯИ БАЛАНД ГУЗАШТАНД

***Тӯли се рӯз дар шаҳри Самарқанд талош барои Ҷоми ҷаҳонӣ оид ба триатлон баргузор гардид.***

Дар байни бонувон ҷойи аввал ба варзишгари Русия Диана Исҳоқова, ки зери парчами Федератсияи байналмилалии триатлон ширкат варзид, насиб гашт. Дар байни мардҳо Максим Хузберӣ аз Фаронса соҳиби медали тилло шуд.

Дар маросими ҷоизасупорӣ Президенти Иттифоқи ҷаҳонии триатлон Ф. Ариаманӣ иштирок намуда, таъкид кард, ки мусобиқот дар рӯҳияи баланд гузашт.

### ЯКЕ АЗ КӮЧАҲОИ САМАРҚАНД – БА НОМИ ШАҲРИ РИМ

***28-29-уми май бо таклифу пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев Сарвазири Италия Ҷорҷа Мелонӣ ба шаҳри Самарқанд омад.***

Дар музокираҳои дараҷаи олӣ масъалаҳои боз ҳам таҳким бахшидани муносибатҳои шарикии стратегии Ӯзбекистону Италия ва тавсеаи ҳамкориҳои бисёрҷониба баррасӣ шуд.

Бо таклифу пешниҳоди Президент Шавкат Мирзиёев яке аз кӯчаҳои марказии Самарқанд номи пойтахти Италия – «Рим»-ро гирифт.

Аллакай мардуми таҳҷоӣ мегӯянд, ки Италия ба мо наздик шуд. Фақат ба наклиёти мусофиркаш нишаста, «Ба Рим баред!» гуфтан кифоя.

### РОБИТАҲОИ ФАРҲАНГӢ МУСТАҲКАМ МЕГАРДАНД

***Дар кишвари мо чорабиниҳои «Рӯзҳои фарҳангии Русия» дар сатҳи баланд гузаронида шуданд. Чанде пеш маросими оғози он дар қасри «Ӯзбекистон»-и пойтахт ба вуқӯъ пайваста, дар «Шаҳри абадӣ»-и Самарқанд ба поён расид.***

Ҳунарпешагони номдори Русия бо сурудҳои дилошӯбу мусиқии гуворо ба ҳозирон ғизои маънавӣ бахшиданд.

– Тадбирҳои пуршукӯҳи фарҳангӣ хотирнишон гузаштанд, – иброз дошт Артисти хидматнишондодаи Русия, ғолиби озмуни байналхалқии «Садо» Сергей Волчков, – мо аввал дар Тошканд, сипас ба Самарқанд ташриф оварда, бо ёдгориҳои таърихии шаҳри бостонӣ шинос шудем. Барҳақ Самарқанд шаҳри пурҷозиба аст.

– Ба фикрам, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд Ҳунарпешаи халқии Русия, роҳбари оркестри симфонияи ҷаз Сергей Жилин,– барномаи мо ба ҷавонон писанд омад. Ҳар як баромади мо бо кафкубӣ ва гулҳои тару тоза қадр гардид.

Ният дорем, ки боз меҳмони мардуми Ӯзбекистон шавем.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*



*Дар Донишгоҳи давлатии Урганҷ ба номи Абурайҳон Берунӣ маросими кушоиши бинои нави Маркази захираи ахбор, ҳамчунин Маркази математикаи Пекин – Урганҷ баргузор шуд. Иншоот метавонад дар як вақт ба 1000 нафар хидмат расонад. Дар китобхона Маркази математикаи Пекин – Урганҷ, толори фаъолони дорои 506 ҷойи нишаст, ҳамчунин осорхонае, ки таърихи донишгоҳ ва мероси илмии онро фаро мегирад, толорҳои таълимии ба номи мутафаккирони бузург, ки дар ҳар ошёна ду адад мебошанд, мавҷуданд.*

*Марказ нафақат ба толибилмон, балки барои профессорону омӯзгорон, ҷавонони муҳаққиқ низ ба сифати маскани муфиди илмӣ хидмат хоҳад кард.*

***Суратгир: Б. САИДОВ (ЎзА).***

# ӮЗБЕКИСТОН – ҲАМКОРИ АСОСИИ ИТАЛИЯ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Муколамаи судманд идома хоҳад ёфт: ҷонибҳо барои тақвияти ҳамкорӣ бо ниҳодҳои Иттиҳоди Аврупо ва омодагии фаъол ба ҳамоиши «Осиёи Марказӣ – Италия» ба мувофиқа расиданд.

Имзои Созишнома дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва тавофуқ дар бораи таҳияи «харитаи роҳ»-и ҳамаҷониба нишонаи ҷиддият ва иродаи қавии ҳар ду кишвар мебошад.

Дар ин замина таъкид кардани он муҳим аст, ки дар Иттиҳоди Аврупо, Италия дар якҷоягӣ бо Венгрия, Фаронса ва Олмон раванди таҳкими равобит бо Осиёи Марказӣ, аз ҷумла бо Ӯзбекистонро фаъолона пеш мебарад.

Муколамаи мунтазами сиёсӣ ва афзоиши савдои дуҷониба дар соли 2024 — ҳамаи ин далели равшани он аст, ки фосилаҳои фарҳангӣ ва ҷуғрофӣ дигар, агар иродаи сиёсӣ барои қаробат вуҷуд дошта бошад, нақши ҳалкунанда надоранд.

Аз ин рӯ, сафари Сарвазири Италия Ҷорҷа Мелони ба Ӯзбекистон ва музокирот дар Самарқанд дар муносибатҳои ду кишвар саҳифаи наверо боз менамоянд.

Ин нишон медиҳад, ки новобаста аз ҳама гуна чолишҳо, бинобар иродаи сиёсӣ ва муколамаи созанда, метавон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид, ки ба таҳкими дӯстӣ ва дархи мутақобилаи миёни халқҳо мусоидат мекунанд.

**Директори Академияи Шанхай оид ба идоракунии глобалӣ ва таҳқиқоти минтақавӣ, профессор Ян Чэн:**



– Сафари Сарвазири Италия ба Ӯзбекистон ҳамчун як иқдоми намоишии Иттиҳоди Аврупо ба самти тақвияти ҳузури сиёсиву иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ арзёбӣ мегардад. Ташриф ба Самарқанд дар арафаи ҳамоиши «Италия – Осиёи Марказӣ» аз ҷониби раҳбари яке аз кишварҳои пешбари Иттиҳод нақши муҳим дорад ва баёнгари таваҷҷуҳи афзояндаи байналмилалӣ ба Ӯзбекистон ҳамчун як шарики калидӣ дар минтақа ва тасдиқи мақоми он ҳамчун субъекти боэътимоду мустақил мебошад.

Мазмуни сафар — аз ҷумла имзои созишномаҳо дар бахшҳои сармоягузорӣ, энергетикаи «сабз», ҳамкориҳои саноатӣ, фарҳангӣ ва таълимӣ — паёми мусбатест, ки суботу кушодагии Ӯзбекистони дар ҳоли ислоҳро инъикос мекунад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки Тошканд ба сиёсати бисёрсамта содиқ мемонад, ки дар он самти аврупоӣ шарикии стратегиро бо Чин на иваз, балки пурра мекунад.

Прагматизми иқтисодии ҷониби итолиёвӣ низ қобили зикр аст, ки таваҷҷӯҳи Италия ба Ӯзбекистон хусусияти стратегӣ ва шарикӣ дорад. Ин сафар як қисми сиёсати васеътари Иттиҳоди Аврупо дар самти амиқсозии ҳамкорӣ бо минтақаҳое бахусус дар шароити рақобати ҷаҳонии рӯзафзун барои захираҳои инфрасохторӣ, энергетикӣ ва логистикии Авроосиё мебошад, ки берун аз доираи таъсири анъанавии евроатлантикӣ ҷойгиранд.

Густариши ҳамкориҳои Ӯзбекистон бо Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла бо Италия, имкониятҳоро барои ҳамкории сегона фароҳам меорад, ки дар доираи он манфиатҳои Чин ва Аврупо метавонанд дар чаҳорчӯби лоиҳаҳои бузурги авроосиёӣ ба таври мутавозин татбиқ шаванд.

Дар маҷмӯъ, сафари Сарвазири Италия ҳамчун натиҷаи табиии нақши афзояндаи Ӯзбекистон дар сиёсатҳои минтақавӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ арзёбӣ мешавад. Ин сафар ба таҳкими бисёрҷонибагӣ мусоидат мекунад, вазни геосиёсии Тошкандро афзоиш медиҳад ва метавонад нуқтаҳои нави ҳамкориро барои ташаббусҳои муштарак миёни Чин, Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои Осиёи Марказӣ— бахусус дар соҳаҳои рушди устувор, технология ва логистика фароҳам оварад.

**Сиёсатшинос ва рӯзноманигори озарӣ Илгар Велизаде:**



– Табодули сафарҳои сатҳи олӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ аҳамияти хоса дошта, раванду динамикаи ин муносибатҳоро ба таври равшан инъикос мекунад.

Имрӯз бисёр давлатҳо нақши фаъолонаи Ӯзбекистонро зери роҳбарии Шавкат Мирзиёев дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва самти хориҷии воқеъбинонаи он баланд арзёбӣ мекунанд ва ба рушди ҳамкориҳо бо ҷумҳурӣ дар бахшҳои гуногун аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд.

Дар миёни онҳо Италия низ ҳаст, бинобар, ки саъю кӯшиши Ӯзбекистонро барои шомил шудан ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) ва имзои Созишномаи шарикии васеъ бо Иттиҳоди Аврупо дастгирӣ намуда, ҷонибдории худро аз сиёсати хориҷии Тошканд, ки ба ҳамгироии иқтисодии ҷаҳонӣ ва қаробат бо ИА нигаронида шудааст, нишон медиҳад.

Аз ин рӯ, сафари расмии Сарвазири Италия Ҷорҷа Мелони ба Ӯзбекистонро метавон идомаи равандҳои тақвияти шарикии стратегии миёни Италия ва Ӯзбекистон донист. Дар маҷмӯъ, ин «калид» барои Италия тамоми минтақаи Осиёи Марказиро мекушояд ва ба ҳузури он дар ин минтақа тақвият мебахшад.

Дар чунин шароит, Ӯзбекистони бародар, ки ҳамчун шарики боэътимод ва давлати бонуфуз шинохта шудааст, мисли Озарбойҷон — оқилона ва дурандешона, ба муносибатҳои дуҷонибаи самарабахш ва ҳамкории мутақобилан судманд дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ афзалият дода, амал мекунад.

Мехоҳам махсус лоиҳаи «Долони энергетикаи сабз»-ро таъкид намоям, ки ташаббусест барои содироти энергияи барқароршаванда аз Осиёи Марказӣ ба Аврупо. Дар ин лоиҳа як қатор кишварҳо, аз ҷумла Озарбойҷон ва Ӯзбекистон, ширкат доранд ва барои муттаҳид кардани кӯшишҳояшон инфрасохтори самарабахш барои интиқоли нерӯи барқи тоза ба бозори Аврупо таъсис дода мешавад.

Бо дарназардошти иқтидори бузурги Ӯзбекистон ва Озарбойҷон, онҳо метавонанд бо кӯшишҳои муштарак ба қувваи ҳаракатдиҳандаи гузариши энергетикии Аврупо табдил ёбанд ва қитъаро бо нерӯи тоза, боэътимод ва дастрас таъмин намоянд.

Ба андешаи ман, чунин лоиҳаҳо ба кишварҳои бародари мо — Ӯзбекистон ва Озарбойҷон — имкон медиҳанд, ки ба талошҳои ҷаҳонӣ дар мубориза бо тағйирёбии иқлим саҳм гузоранд, ки ин ба ҳадафҳои Созишномаи Париж ва дигар ӯҳдадориҳои байналмилалии экологӣ мутобиқ аст.

Илова бар ин, имрӯз муассисаҳои молиявии байналмилалӣ омодаанд, ки лоиҳаҳои марбут ба манбаъҳои барқароршавандаи энергияро сармоягузорӣ намоянд. Ин барои кишварҳои мо имкониятҳо фароҳам меорад, то барои рушди низоми энергетикӣ ва инфрасохтори худ сармоя ҷалб кунанд.

**АИ «Дунё».**

# ДАСТГИРИИ БРЕНДҲОИ МИЛЛӢ – ОМИЛИ РУШД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Тавре дар ҷамъомад таъкид гардид, дар масъалаҳои дастгирӣ ва рушди саноати маҳаллӣ камбудиҳо ба чашм мерасанд. Масалан, дар саноати бофандагӣ қариб 7 ҳазор соҳибкор зиёда аз 500 номгӯи маҳсулотро истеҳсол мекунанд. Баъзеи онҳо ба брендҳои машҳури байналмилалӣ либос мефиристанд.

Аммо, сарфи назар аз таваҷҷуҳ ба сифат, бисёре аз истеҳсолкунандагон инро нишон дода наметавонанд. Имрӯз танҳо 244 ширкат дорои сертификати байналмилалӣ мебошанд, ки ин таассуфовар аст.

Бояд гуфт, ки бо фармони дахлдори сарвари давлат пардохти на танҳо хароҷоти гирифтани сертификати байналмилалӣ, балки мутобиқгардонии корхона ба ин талабот низ аз ҷониби давлат ҷуброн карда мешавад. Бо истифода аз ин, вазифа гузошта шуд, ки ба соҳибкорон имконият фароҳам оварда, дар ҳар як минтақа шумораи корхонаҳои сертификатдор зиёд карда шавад.

Роҳбари давлат дар ин самт ташаббуси муҳимро пешбарӣ кард. Акнун дар мамлакат Ширкати дастгирии брендҳои миллӣ ташкил карда мешавад. Ба он аз хориҷи кишвар бренд-менеҷерон, тарроҳон ва маркетологҳо ҷалб гардида, барои ба бозори ҷаҳонӣ баровардани брендҳои ватанӣ кумак расонида мешавад. Ба маҳсулоте, ки дорои сертификатҳои байналмилалӣ ва сифати рақобатпазир ҳастанд, нишони сифат тақдим гардида, дар ҷаҳон васеъ тарғиб мегарданд.

Дар ҷамъомад боз як мушкилоти муҳим – вуҷуд надоштани марказҳои савдое, ки маҳсулоти миллиро дар як ҷой фурӯшанд, танқид карда шуд. Аз ин рӯ, акнун дар минтақаҳо маҷмааҳои “Mall of Uzbekistan” сохта мешаванд. Мағозаҳои ин маҷмааҳо ба соҳибкорон бо нархи арзон ба иҷора дода мешаванд. Чунин марказҳо барои харидорон имкони интихоби васеъро фароҳам оварда, ба афзоиши сафи сайёҳони хориҷӣ низ мусоид хоҳанд кард.

Бояд гуфт, ки коркарди амиқи ашёи хоми маҳаллӣ ва зиёд кардани арзиши иловагӣ – масъалаи муҳим аст. Бо назардошти ин, барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти тайёр низоми факторинг ҷорӣ гардида, барои он 100 миллион доллар ҷудо карда шуд. Чун идомаи мантиқии ин тадбирҳо, акнун корхонаҳои нассоҷӣ метавонанд дар асоси факторинг бо тартиби соддашуда наху калоба харидорӣ кунанд.

Заргарӣ дар мамлакати мо аз қадим қадр карда мешавад ва дар ин самт низ барои соҳибкорон як қатор имкониятҳои мусоид фароҳам мегарданд. Имрӯз метавонем ин шабакаро чун драйвери иловагии иқтисодиёт ном барем. Бино ба маълумот, соли гузашта истеҳсолот дар ин соҳа аз 200 миллион доллар афзуд ва содирот 17 фоиз зиёд шуда, ба 92 миллион доллар расид. Аммо ин дар Ӯзбекистон, ки соле беш аз 100 тонна тилло истихроҷ мекунад, ҳатто аз даҳ як ҳиссаи имконот нест. Аз ин рӯ, дар ин соҳа ҳам имтиёзҳои иловагӣ муқаррар гардид. Акнун заргарҳо низ метавонанд ҳамчун соҳибкори инфиродӣ бо савдои маснуоти тилло машғул шаванд. Хароҷоти ҷалби мутахассисони хориҷӣ ба маблағи то 2,5 ҳазор доллар ба шарти омода кардани на кам аз 5 шогирд ҷуброн карда мешавад.

Бояд гуфт, ки дар соҳа ба усули саноатӣ гузашта, брендҳои миллӣ дастгирӣ карда мешаванд. Бахусус, таҷҳизот ва қисмҳои эҳтиётии онҳо, ки дар заргарӣ истифода мешаванд, аз пардохти боҷи воридотӣ озод мегарданд. Тавре дар ҷамъомад таъкид гардид, тартиби хариди тилло аз комбинатҳои маъдани кӯҳии Навоӣ ва Олмалиқ бо шарти қисм-қисм пардохтан боз ба муддати 3 сол дароз карда мешавад. Бо брендҳои маъруф ҳамкорӣ роҳандозӣ гардида, хароҷоти то 30 ҳазор доллар барои овардани тарҳ ва шакли онҳо ҷуброн карда мешавад.

Умуман, иҷрои масъалаҳои дар ҷамъомад аз рӯйи самтҳо ба миён гузошташуда, инчунин, вазифаҳои афзалиятноки ривоҷи саноати маҳаллӣ, дар баробари таъмини рушди минбаъдаи инкишофи иқтисодии мамлакат, ҷиҳати таъмини шуғл ва некуаҳволии аҳолӣ низ аҳамият доранд. Чунки мушкилотро худамон ҳал накунем, аз хориҷи кишвар касе омада ҳал намекунад.

Бинобар ин, мо депутатҳоро лозим аст, ки ба ин масъалаҳо эътиборро боз ҳам пурзӯр карда, бобати якҷоя бо соҳибкорон ҳал кардани мушкилот чораҳо андешем. Ин барои рушди Ватани мо бағоят муҳим аст.

**Муқаддасхон АҲМЕДОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

*Минбари донишҷӯ*

# ШУКР – НЕЪМАТИ БЕБАҲО

Ҳар рӯзи ҳаёт барои инсон як неъмат ва шукргузорӣ, калиди қадршиносӣ ва роҳе ба сӯи бахту саодат мебошад. Чун субҳ аз хоб бедор мешавем, чашмони мо дунёро мебинанд, қалбамон ба тапиш медароянд, озодона нафас мекашем. Ин ҳама неъматҳоеанд, ки бисёриҳо орзуи онро доранд.

Мо дар кишваре зист мекунем, ки амният дорад. Кӯдакон ба мактаб мераванд, мардум бо корҳои ҳаррӯза машғуланд. Ин осудагӣ низ як неъмати бузург аст. Ҳатто вақте ки мушкилӣ дорем, бояд дар дил шукр дошта бошем, зеро ҳар душворӣ як дарс аст, ҳар сахтӣ як санҷиш. Пас биомӯзем, ки дар ҳар лаҳзаи ҳаёт, барои ҳар нафас, барои ҳар табассум шукр кунем. Зеро шукр кардан моро аз кинаву норозигӣ пок месозад.

Мо бояд аз ин сулҳу ваҳдат, осмони софу беғубор, неъматҳои фаровоне, ки Худованд бароямон додааст, ҳамеша шукргузор бошем. Зеро бузургон фармудаанд:

*Шукр гӯӣ неъматат афзун шавад,*
*В-ар нагӯӣ аз кафат берун шавад.*

Биёед, шукрро як одати ҳаррӯза гардонем – бо забон, бо амал ва бо дил.

**Ситораи НАЗАРИЁН,**
**донишҷӯйи соли сеюми гурӯҳи тоҷикии ДДФ.**

**Зиёда аз панҷ сол мешавад, ки дар маркази ноҳияи Самарқанд, дар шаҳраки зебои Гулобод кӯдакистони «Парвоз» бо муҳити гарму самимӣ ва шароити муосир фаъолият дорад.**

# КӮДАКИСТОНИ «ПАРВОЗ» – ПАРВОЗИ ОРЗУҲОИ КӮДАКӢ

Ин муассисаи тарбиявӣ ба як гӯшаи дурахшони кӯдакон табдил ёфтааст, ки дар он муҳаббат, дониш ва шодмонӣ ҳамеша пойдор аст. Кӯдакистон барои 125 нафар пешбинӣ шуда, кӯдакон аз синни 1,5 сола қабул карда мешаванд.

Роҳбари заҳматкашу ғамхори кӯдакистон Маматқул Шарифов, бо меҳру муҳаббат ва масъулияти баланд барои ободиву пешрафти он заҳмат мекашад. Ӯ ҳамеша кӯшиш мекунад, ки муҳити тарбиявӣ зебо, тоза ва барои рушди кӯдакон мусоид бошад.

Мураббияи варзида ва меҳнатдӯст – Наталя Владимировна, ёрдамчии мураббия Моҳигул Ҳоҷиева ва ҷонишини директор Зайнура Шарипова бо муҳаббат ва сабру таҳаммул ба кӯдакон хату савод, одобу ахлоқ ва забон меомӯзанд. Дар кӯдакистон маҳфилҳои каратэ, омӯзиши забони англисӣ фаъолият дорад.

Чанде пеш дар «Парвоз» чорабинии «Хайр боғча» бо як рӯҳияи баланд ва тантанаи хотирмон баргузор гардид. Бачаҳо бо маҳорати воло шеърҳо қироат карданд, рақсу намоишҳоро рӯи саҳна гузоштанд, бо суханони самимии худ қалбҳоро тасхир карданд. Ин рӯз барои волидон, омӯзгорон ва худи кӯдакон ба як иди хотирмон табдил ёфт. Зеро 25 нафар кӯдак бо кӯдакистони ҷонаҷонашон хайрухуш карда, сӯйи мактаб раҳсипор мешаванд.

Кӯдакистони «Парвоз» бо муҳити гарм, мураббиёни меҳрубон ва шароити созгор, воқеан сазовори номаш аст – ин ҷо парвози кӯдаконаи орзуҳо оғоз меёбад!

**Дилрабо НАСИМӢ.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# ДАР АСАВЕЙ МАСКАНИ ОИЛА ВА ЗАНОНУ ДУХТАРОН КУШОДА ШУД

*Дар маҳаллаи Асавейи ноҳияи Шовоти вилояти Хоразм маросими кушодашавии маскани оила ва занону духтарон баргузор гардид.*

*Фаъолияти маскани нав ба мустаҳкамсозии оила, дастгирии бонувон ва рушди фаъолнокии иҷтимоии онҳо нигаронида шудааст.*

*Дар ин ҷо хонаҳои омӯзиш ба касбу ҳунар, мағулотҳои омӯзишии кумак ба соҳибкорӣ, маслиҳатхонаҳои психологиву ҳуқуқӣ мавҷуд аст.*

*Дар маскани оила ва бонувон машғулиятҳо доир ба омодасозии ҷавонон бо ҳаёти оилавӣ, омӯзонидани илмҳои маънавиву ахлоқӣ, психологиву тиббӣ ва ҳуқуқӣ ба узви оилаҳое, ки ба мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ мешаванд, кумак ба таъмини муҳити иҷтимоиву маънавии солим баргузор мегардад.*

*Маскани нав ҷиҳати мустаҳкамсозии оила, расондани кумаки тиббиву ҳуқуқӣ ба бонувон ва таъмини шуғли онҳо хидмат мекунад.*



***Дар сурат:*** *дар маскани оила ва занону духтарони Асавей.*

***Суратгир: Б. САИДОВ (ЎзА).***

# БЕСАМАР БА САР НАБУРД



Соли ба институт қабул шудани мо (1976) нависанда Саттор Турсун ҷавонмарди сисола буд. Мешунидем китобҳояш «Дили гарм» ва «Сукути қуллаҳо» (дар оғози солҳои ҳафтодум) баробари рӯйи нашр дидану ба дӯконҳо бароварда шудан ба фурӯш рафтаанд. Чунин ҳолат ба маҷмӯаи нави қиссаву ҳикоёти ӯ «Камони Рустам» низ рӯй дод. Ба чӣ тавр гирдашро печондан ва дастхат гирифтани мухлисонаш гувоҳ шудаем.

Кушодчеҳра буд, нигоҳаш гарм, мӯйсарашро бо ҳавсала шона мезад, зебо мепӯшид. Он солҳо ба шоиру нависандагон мардум дигархелтар менигарист, ба эҷодкорони машҳур чун ба ситорагони кино таваҷҷуҳ медод.

Нависандаи он вақт ҷавон дар баробари асарҳои ҷолиб, тавре ишора рафт, бо симои дилкаш, муомилаву муносибати ба «ҷентелменҳо»-и воқеӣ хос диққати дӯстдорони адабиётро ба худ мекашид.

Ҷавондухтарони аз адабиёт дур ҳам ба вай наздикӣ меҷустанд.

Шунидем аз ҳамсараш ҷудо шудааст. Нороҳатӣ ҳис кардем.

Ба худ гуфтем сабаби ҷудоӣ эҳтимол рашк – шояд ҳамон занҳое, ки бо баҳонаи мухлисӣ беҳудаву беҳуда занг зада, байни ӯву завҷааш хунукӣ афтондаанд.

Аз байн чанд сол гузашт. Гуфтанд устод Саттор бо шарики нави ҳаётиаш хуб ба сар мебарад. Хотирҷамъ шудем. Мехостем ин бор бахти оилавиаш пойдор бошад.

Аммо дар ин бобат боз омад рӯй тофт – бори дувум хонавайрон гашт...

Суҳбатамон бо як марди сурхондарёӣ – ҳамдиёри устод Саттор дер давом кард. Вай дар бораи фаъолияти ибратбахши нависанда бо ифтихор сухан ронд. Гуфт устод Саттор сари баланди мо, бойсуниҳост.

Ҳарфҳои муҳаббатомези мусоҳибам диламро гарм тапонд. Устод Саттор пеши назарам падидор гашт. Аз он ки дар ҷодаи пурпечутоби эҷод бароям раҳнамо гашт, чун устод маслиҳатҳои беғаразонаашро дареғ надошт ва дар рӯйи чоп дидани баъзе навиштаҳоям ёрмандӣ намуд, ман ҳам бо ҳисси эҳтирому сипос дар бораи ӯ ҳарф задам. Гуфтам: «Ҳамдиёри шумо яке аз дӯстдоштатарин нависандагони ман».

Одам гоҳо дар таъсири бода ё чизи дигар, дар ҳолати ҳаяҷон, ба чизи хуб аз буда зиёд баҳо доданаш мумкин. Вале ман фикр мекунам дар бораи Саттору эҷодиёти ӯ дар ҳама гуна ҳолат чунин ҳарфҳо ё суханони ба ҳамин монандро ба забон оварданам мумкин.

Саттор Турсун ҳанӯз овони донишҷӯйӣ ба адабиёт ворид гашт. Соли 1967 дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» аввалин ҳикояаш чоп шуд ва ба назарҳо афтод. Баъди хатми донишгоҳ бо ҳидояти устод Турсунзода ва дастгирии Убайд Раҷаб ходими адабии маҷаллаи «Садои Шарқ» таъин гардид. Ҳис мешуд боз як истеъдоде дар пайроҳаи адабиёт қадам мезанад, ки ояндадор аст.

Саттор Убайд Раҷабро устод мешумурд, ҳамчунин Турсунзодаро. Аз устод Турсунзода боз аз он сипосгузор буд, ки «ду бор хона додааст».

«Ситораи корвонкуш», «Нисфирӯзӣ», «Раъду барқ», «Қиссаи чашмони сиёҳ», «Як даста гул», «Шабе дар роҳ», «Падар» барин ҳикояҳо, ки Саттор Турсун ҳануз дар ҷавонӣ (то сисолагӣ) навишта буд, имрӯз ҳам аз беҳтарин ҳикояҳо дар адабиёти тоҷик мебошанд. Онҳо аллакай дар солҳои ҳафтодуму ҳаштодуми қарни сипаришуда ба чанд забони дунё тарҷума ва дар маҷаллаҳои бонуфуз нашр шудаву дар шакли китоб баромада, эътибори дӯстдорони адабиётро ба худ кашида буданд.

Хаёл мекунам қариб ҳамаи асарҳои дар солҳои гуногун иншонамудаи адиб («Камони Рустам», «Пайванд», «Обдорӣ», «Барф ҳам мегузарад», ҳикояву новеллаҳое, ки дар «Дувоздаҳ ҳикоя» ва «Дарахти ҳазорсола»-и ӯ гирд омадаaанд),«Санг дар бағал ба тӯфон» ва ғайраҳо) ба қалбам наздик, вале «Сукути қуллаҳо» ва «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх» ном қиссаҳои то андозае тарҷумаиҳолиаш, ҳамчунин романи ӯ «Се рӯзи як баҳор» ба дилу вуҷудам боз наздиктар. Хондаам онҳоро, боз мехонам. Меомӯзам, чизе кашф мекунам.

Аз рафиқи сурхондарёӣ пурсидам:

– Ба шахси Саттор чӣ тавр баҳо медиҳед? Аз наздик шиносед?

Табассум кард:

– Бо устод чанд вақт дар як квартира (хонаи иҷора) зиндагӣ кардаем.

Дар донишҷӯӣ.

Ҳайрон шудам:

– Чӣ тавр?

Воқеан ҳайратангез. Ин марди назди устод Саттор «кӯдак» чӣ тавр бо вай дар як хонаи иҷора зиндагӣ карданаш мумкин?

– Рӯзҳои сарсонӣ-саргардонии устод баъди нотинҷиҳо дар оилааш буд, – фаҳмонд он рафиқ. – Аз хона баромада рафтааст. Гоҳ ин ҷо, гоҳ он ҷо. Ба хона таклиф кардам, аввал розӣ нашуд, бо донишҷӯён чӣ тавр мешавад, гуфт хиҷолатманд. Ҳамдиёрон ба ҳолу ҷонаш нагузоштем, хона овардем, хидматашро кардем.

– Аҷиб, баромада рафтааст? Чизе нагирифтааст?

– Ҳатто китобҳояшро, ки барояш бисёр азиз буданд. Китобҳо барои писарам, гуфтааст.

Бехонагиву саргаштагӣ, аз ноилоҷӣ дар хонаи иҷораи донишҷӯёне, ки чандин сол аз худаш хурданд, рӯз гузаронидани як нависандаи машҳурро ба ақл ғунҷонда наметавонистам.

Зиндагӣ зӯр аст. Ба чӣ рӯзҳое дучор намекунад одамро. Ҳатто инсонҳои бузург назди тақдир чӣ қадар оҷиз.

Дар Тошканд ба ин гуна рӯз афтодани Шоири мардумии Ӯзбекистон Рауф Парфиро низ гувоҳ шудаем.

Хайрият ҳам сарсонии устод дер давом накардааст. Давлат хона додааст. Баъдтар масъалаи аз нав хонадор шуданаш низ, хушбахтона, ҳалли худ ёфтааст.

Кӣ будааст ҳамсари наваш?

Як мухлиси адиб, ки баъди ҳамқисматӣ бо ӯ ин тавр иқрор шудааст:

«Тамоми асарҳои Саттор Турсунро мехондам. «Се рӯзи як баҳор»-и ӯ ҳамеша дар таги болинам буд».

Зандида будан, аз занҳои аввала фарзанд доштани нависанда он занро нороҳат намекардааст? Хушбахт будаанд?

Он зан, ки Ҷавҳар ном доштааст, мегуфтааст: «Вақти ҳамсари ӯ шудан ман ҳам як ҷавонзани аз бахти аввал наосуда ва модари ду фарзанд будам, чӣ будани хонавайрониро хуб медонистам. Саттор Турсун пеш аз ман якто не, ду зани дигар дошт, вале ин ба хушбахт шудани мо монеъ нагашт».

Дигар, фарзандони Саттор ба он зан дӯстона муносибат мекардаанд. Зани наву ҳамсари дувуми Саттор, ки Фарангис ном дошта, ҳатто дугона будаанд. Нависанда аз бачаҳое, ки бо модарашон омадаанд, меҳри падариро дареғ намедоштааст.

Ҳар чизе дар бораи Саттору оилаи наваш ба гӯшамон мерасид, хушоянд буд, албатта. Бардавомии осудагӣ ва бахтнокии ин хонадонро илтиҷо мекардем аз Офаридгор.

Хуб ҳам адиби писандидаи мо дар солҳои охири ҳаёташ дар ҳаёти оилавӣ осуд. Ва хуб ҳам «Охирин рӯзи тирамоҳ» ном китобашро, ки ба тоҷикӣ дар Тошканд бо саъйи Олимҷон Давлатов ҷомаи табъ ба бар кард (2021), ба даст гирифт (китобҳои ӯзбекиаш пештар чоп шуда буданд).

Зимнан, «Охирин рӯзи тирамоҳ» яке аз беҳтарин ҳикояҳои ӯст, ки пурра аз диалог (гуфтугӯи ду нафар) фароҳам омада. Ҳайрон шудан мумкин: ҳикоя бо гуфтугӯи ду нафар? Хонанда зиқ намешавад?

Вақте нависанда боистеъдод аст, ин тарз ҳикоя ҳам шавқангез мебаромадааст.

«Охирин рӯзи тирамоҳ» – суҳбати зану шавҳари ҷудошуда. Зани марду шавҳари номард!

Нависандаи мардумии Тоҷикистон Саттор Турсун (1946–2023) 77 сол умр дида бошад, аз он наздик ним аср дар хидмати адабиёт буд. Нависандаи халқии Ӯзбекистон Эркин Аъзамов дар сарсухан ба «Охирин рӯзи тирамоҳ»-и дӯсти ҳамқаламаш, аз ҷумла, қайд кардааст: «Шубҳае нест, ки соҳиби истеъдоди бузург, адиби беназири дунёбин, қалби шоиронаи ноором дар тӯли ин ҳама солҳо бесамар ба сар набурдааст, ҳатман ба адабиёти ба ҷон баробараш бо осори гаронмояи худ ғано бахшидааст».

**Муҳаммадҷон ШОДИЕВ.**

*Таърихи Ватан*

# САМАРҚАНДИ АСРИ XIX АЗ НИГОҲИ РАДЛОВ

Дар илми шарқшиносии ҷаҳон, хусусан, этнографияи халқҳои туркнажод китоби «Аз Сибир» мавқеи муҳим дорад. Муаллифи он Василий Василевич Радлов аст. Ӯро дар ҷодаи шарқшиносӣ ба сифати яке аз туркологҳои машҳур мешиносанд.




Радлов аслан олмонитабор буда, соли 1837 дар шаҳри Берлин ба дунё омадааст. Номаш Фридрих, насабаш Вилгелм буд. Соли 1854 ба факултети фалсафаи Донишгоҳи Берлин дохил шуд. Дар давоми ду семестр дар Донишгоҳи Галл маърӯзаҳои профессор А. Поттро оид ба забонҳои ҳиндуевропоӣ шунида, ба илми шарқшиносӣ завқ пайдо кард. Омӯхтани забонҳои сокинони Урал ва Олтойро касб кард. Аввал забони русиро омӯхта, соли 1858 ба Русия, ба шаҳри гаҳвораи шарқшиносони рус – Санкт-Петербург омад. Бо тавсияи дипломат П.Мейендорф ба омӯзишгоҳи кӯҳии Барнаул омада, аз забони олмонӣ ва лотинӣ ба шогирдон дарс дод. Акнун ӯ дар муҳити забонҳои мардумони Олтой нафас мекашид, зиндагӣ мекард. 11 майи соли 1859 шаҳрвандии Русияро қабул намуд. Ҳамсараш Паулина Августовна Фроммро ҳам ба Барнаул овард. Сипас, Фридрих номи Василийро гирифт.

Бояд гуфт, ки Радлов ба ҳамон мақсаде, ки дар наздаш гузошта буд, расид. Забону лаҳҷаҳои туркии муқими кишвари Олтой, Сибири Ғарбӣ, даштҳои Ҷунгария, Поволже, хусусан, этнографияи уйғурҳо, олтоиҳо, телеутҳо, тувагиҳо, хакасиҳо, тотору бошқирдҳо, чиниҳоро муфассал омӯхт. Навиштаҷоти рӯйисангии урхун-энасойро ҳам тадқиқ кард. Аввалин китобаш бо номи «Намунаҳои адабиёти халқии қабилаҳои туркӣ» соли 1866 (ҷилди якум) нашр шуд. Умуман вай муаллифи беш аз 150 асари илмӣ мебошад. Радлов солҳои зиёд ба Осорхонаи антропология ва этнографияи Академияи илмҳои Русия раҳбарӣ кардааст. Ӯ 12 майи соли 1918 дар Санкт-Петербург вафот кард.

Аз байни асарҳояш «Из Сибири» («Аз Сибир»). «Саҳифаҳои қайднома»-и ӯ ба муаллиф шуҳрат овард. Ин китоби дорои маълумоти нодир соли 1884 ба забони олмонӣ дар шаҳри Лейпсиги Олмон чоп шудааст. Он аввали асри XX ба забони русӣ тарҷума шуда, борҳо ба табъ расидааст. Нашри соли 1989 аз силсилаи «Китобхонаи этнографӣ»-и Академияи илмҳои СССР интишор ёфта, аз 10 боб, замимаи профессор С.И. Вайнштейн, рӯйихати номҳои ҷуғрофӣ, этникӣ, ҷамъ аз 749 саҳифа иборат аст.

Боби X бо номи «Водии Зарафшони Миёна» айнан дар бораи сафари Радлов ба Туркистон (соли 1868), шаҳрҳои Чиззаху Самарқанд, Панҷакент, Ургут, Каттақӯрғону Қӯшработ, Бухоро ва атрофи он нақл мекунад. Муаллиф дар қисмати аввали ёддоштҳояш дар бораи обёрии сунъии ин водии зархез маълумоти хеле аҷиб медиҳад. «Ҳамаи деҳаҳои водии Зарафшон боғу роғи сермева, пур аз дарахт доранд ва аз якдигар фарқ намекунанд», менависад ӯ. Сипас дар бораи сохти хонаву манзилгоҳҳо, бозорҳо, масҷиду мадрасаҳо ҳикояҳои ҷолиб мекунад. Чун навбат ба тасвири шаҳрҳо расид, Радлов аввал дар бораи Панҷакент, баъд оид ба шаҳри Самарқанд нақл менамояд. «Шаҳри Самарқанд, менависад вай, пойтахти давлати Амир Темур буд, Маккаи Осиёи Миёна ба шумор меравад». Сипас, дар бораи ҷиҳатҳои умумии ин шаҳр бо дигар шаҳрҳои минтақа сухан ронда, зимнан қайд мекунад, ки «Фарқи ягонаи Самарқанд аз дигар шаҳрҳо аз ёдгориҳои меъморӣ ғанӣ будани он аст». Аз ба харобаҳо табдил ёфта истодани ин ёдгориҳо афсӯс мехӯрад. »Баъди таҷовузи русҳо ва ба шаҳр даромадани аспсаворони мусаллаҳ аҳолӣ, хусусан олимон бо нафрату надомат аз шаҳр гурехта, бозорҳо холӣ монданд».

Радлов ёдгориҳои меъмории шаҳрро ба се гурӯҳ ҷудо мекунад: мадрасаҳо, масҷидҳо ва мақбараҳо. Ба ҳамин минвол дар бораи турбати Амир Темур ва авлоди вай ҳикоя мекунад ва зимнан ба навиштаи Вамбери ишора карда мегӯяд, ки аксари ин ёдгориҳоро устоёни эронӣ сохтаанд. Инчунин, ба шарҳи сохти мақбараи Амир Темур, сониян, мадрасаи Бибихонум, мадрасаи Шердор, Тиллокорӣ, Мирзо Улуғбек, зиндагии муллоҳо дар ин мадрасаҳо ҳикоя менамояд. Зиёда аз ин иншоотҳои беназири таърихӣ, вай мақбараи Ҳазрати Шоҳизиндаро алоҳида тасвир кардааст. Муаллиф ба зебоию бетакрории мадрасаи Хоҷа Аҳрор, мадрасаи Алӣ дар роҳи сӯйи Бухоро, масҷиди Қаландар моту мабҳут мешавад. В.Радлов дар бораи тарзи зиндагии яҳудиёни муқими Самарқанд ва беш аз ҳазор нафар будани онҳо маълумот додааст. Шаҳри Каттақӯрғон ҳам аз назари ин олими европоӣ дур намондааст.

«Аз лиҳози забон, – навиштааст муаллифи «Аз Сибир», – аҳолии тамоми водии Зарафшонро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1) қабилаҳое, ки ба забони туркӣ сухан мегӯянд ва 2) қавмҳое, ки ба забони форсӣ ҳарф мезананд... Ҳамаи онҳоеро, ки ба форсӣ гуфтугӯ мекунанд, тоҷик меноманд: зиёда аз ин сокинони бесаводи деҳот ва кулли кӯчманчиён забони форсиро «тожик тили» мегӯянд. Аксари тоҷикон дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд ва ағлаби онҳо бо савдо ва ҳунармандӣ машғуланд. Ба таркиби онҳо форсҳое, ки аз қадимулайём ин ҷо маскун буданд ва форсҳое, ки ба ин тараф муҳоҷир будаанд ва инчунин форсҳои ғулом, ки туркманҳо ҳамасола ба хонигарӣ мефурӯшанд, дохил мешаванд. Форсҳои навомадаро эронӣ мегӯянд, як қисми онҳоро шиамазҳаб меноманд, гарчанде худи онҳо ин ҳақиқатро пинҳон медоранд».

Ҳамин тавр муҳаққиқ ва сайёҳи европоӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Ӯротеппа ва Ҷиззах низ зиндагӣ кардани тоҷиконро қайд кардааст. Муаллиф дар бозорҳо бештар шунида шудани муколамаи тоҷикиро таъкид мекунад.

«Ба гумони ман, мегӯяд ӯ, ҳамин забони форсие, ки дар ин ҷо мардум бо он ҳарф мезананд, аз забони форсии адабӣ фарқи кам дорад». Муҳаққиқ ва сайёҳ дар бораи нуфузи забони форсӣ дар муносибатҳои байи бекҳо, амлокдорон нақл карда, аз ҷумла чунин навиштааст: «Дар ҳама ҷо, ҳатто дар Қӯқанд, забони форсӣ забони мукотиба, ҳуҷҷатҳо ва амрҳои ҳукуматӣ ва ғайра ба шумор меравад».

Сипас муаллиф дар бораи гурӯҳи забонҳои туркии аҳолии маҳаллӣ маълумоти бештар медиҳад.

В.Радлов бо таассуф қайд мекунад, ки дар мадрасаҳо асосан маълумоти динӣ медиҳанду омӯхтани дигар илмҳо, хусусан фанҳои дунявӣ барои шогирдон манъ аст.

Радлов мумсикию чашмгуруснагии мардуми савдогар ва дар айни вақт соддадилӣ ва ҳалолии сокинони деҳаро ба таври аҷиб ба қалам додааст. Ӯ ба зоҳири антропологии тоҷикон ва ӯзбекон низ эзоҳ додааст. Фарқи дигар мардумонро ҳам муфассал баён кардааст. Муҳимияти ин асар боз дар он аст, ки муаллиф дар бораи сабабҳои ақибмонии кишвар, идоракунии маъмурӣ, молпарастии бекҳои маҳаллӣ, бори вазнини андозҳои сершумор, лашкари бекҳову аморати Бухоро фикрҳои аниқ овардааст.

Хонандаи китоб инчунин дар бораи бекигарии Шаҳрисабз, Хатирчӣ, Зиёвуддин, Қӯқанд низ соҳиби маълумот мешавад.

Иловаи китоб оид ба этнография, топономикаи минтақа эзоҳоти хеле муҳимро дар бар гирифтааст, ки имрӯз низ барои муҳаққиқони таърих қимати худро гум накардаанд.

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ,**
**муаррих-журналист.**

# ВОХӮРӢ БО УСТОДОНИ ДОНИШГОҲ

***Инак, соли хониши 2024-2025 ба поён расида, хатмкунандагони мактабҳои миёнаи ҳамагонӣ дар тараддуди супоридани имтиҳоноти хатмкунӣ буда, барои супоридани ҳуҷҷатҳои худ ба макотиби олӣ омодагӣ мегиранд. Бешак ҳисси ҳаяҷон онҳоро фаро гирифтааст. Зеро натиҷаи таҳсилоти 11-солаи худро ҳам дар назди худ ва ҳам дар назди устодону волидайн сарҳисоб мекунанд.***




Воҳӯрие, ки дар мактаби рақами 12-уми ноҳияи Сариосиё бо иштироки хонандагону омӯзгорон ва устодони Донишгоҳи давлатии Тирмиз – раиси Маркази миллӣ-мадании тоҷикони вилояти Сурхондарё Рамазон Абдуллоев, шоир Илҳом Эшонқулов, номзади фанҳои филологӣ ва шоир Ҷамшед Ҷумъақулов, рӯзноманигорон Олим Панҷизода ва Шариф Халил баргузор гардид, маҳз ба ҳамин мақсад нигаронида шуда буд.

Рамазон Абдуллоев зимни суханронии хеш иброз дошт, ки ин мактаби овозадор бо шогирдони ба камол расидааш дар миқёси ҷумҳурӣ маълуму машҳур аст. Олим Давлатов барин олими машҳури Навоишинос маҳз дар ҳамин мактаб таҳсил гирифтааст. Дар бахши тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тирмиз низ даҳҳо нафар шогирдони ин мактаб хонда, қисме дар худи ҳамин мактаб ва чанде дар дигар мактабу соҳоти ҷамъият фаъолият бурда истодаанд.

Воқеан комёбӣ ва дастовардҳои мактаб беҳисоб аст. Устодони соҳибтаҷриба ба шогирдони хушзеҳну қобилиятнок таълиму тадрис медиҳанд.

– То ҳол 8 нафар хатмкунандагонамон дорои сертификатҳои милливу хориҷӣ гардиданд ва боз чанд нафари дигар дар арафаи ба даст овардани он ҳастанд, – гуфт сарвари ҷавону серғайрати мактаб Нуриддин Қудратов. – Умед дорем, ки шогирдони мактаби мо сари устодони худро ҳеч гоҳ хам намекунанд.

**Махфират ҚУРБОНАЛИЕВА,**
**мудири кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи факултети филологияи хориҷии ДДТ.**

*Рӯйдоди фарҳангӣ*

# ЧАҲОР НОМБАРДОРИ КӮҲИСТОНИ НУРАТО

***Аз қадим мардуми кӯҳистони Нурато бо меҳмоннавозиву меҳмондории худ ном баровардаанд. Дар арафаи нишасти адабию фарҳангии маҳфили андешаварзӣ ва зеҳнии «Хирадманд», ки таҳти сарпарастии Бунёди фарҳангии тоҷикони шаҳри Тошканд «Ориёно» ва Маркази миллию фарҳангии тоҷикони вилояти Ҷиззах бахшида ба 75-солагии рӯзноманигор ва нависанда Бекназар Тӯйназар, 70-солагии шоирон Паймон ва Абдулло Субҳон, 60-солагии нависанда Юнуси Имомназар дар деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато ташкил шуд, меҳмонон аз Тоҷикистон бо сарварии ҷонишини раиси Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон Равшан Махсумзод, рӯзноманигори шинохта Қироншоҳ Шарифзода ва рӯзноманигор Меҳрофарин Наҷибӣ ташриф фармуданд.***



Субҳи 30-юми моҳи май онҳо аз мактаби рақами 30-юм ва пасон мактаби рақами 43-юм боздид ба амал оварданд.

Дар назди мактаби рақами 43-юм шоирон Паймон ва Абдулло Субҳон, нависандагон Юнуси Имомназар ва Шариф Халил, ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи «Овози тоҷик», раиси Бунёди фарҳангии тоҷикони шаҳри Тошканд «Ориёно» Тоҷибой Икромов ва дигар меҳмонон ба ҳам пайваста, ба тӯйхонаи «Сетора», ки рамзи дӯстии мардуми ин кӯҳистон аст, роҳгирифтанд. Он идона оро дода шуда буд. Меҳмононро он ҷо бо нону намак истиқбол карданд.

Ба тӯйхона барои табрики соҳибҷашнҳо меҳмонон – Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ӯзбекистон, академик Абдуҷаббор Раҳмонзода, профессор Аслиддин Қамарзода, ҷонишини ректори Донишгоҳи давлатии Навоӣ, профессор Таваккал Чориев, раиси шуъбаи Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон дар вилояти Навоӣ Баҳриддин Садриддинов, шоир, муҳаррири маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» Асадулло Исмоилзода, ҷонишини ҳокими ноҳияи Нурато Шӯҳрат Вафоев ва дигарон аз Тошканду Чирчиқ, Сурхондарёву Сирдарё, Навоию Самарқанд ҳозир буданд.



Маҳфилро омӯзгор Дилмуроди Қӯзӣ оғоз бахшида, суханро ба шоир Асадулло Исмоилзода дод. Асадулло оид ба ҳаёт ва фаъолияти шоирон Паймон ва Абдулло Субҳон маълумот дода, эътироф кард: «Ман бо камоли эътиқод ва итминон ин ду шоирамонро ҳамчун ду шоҳсутуне мебинам, ки имрӯз боми бошукӯҳи адабиёти тоҷикро дар қатори ҳамтоёни худ бо виқор бардошта меистанд».

Шояд хонандаи закиро муаррифии шоирону нависандагон зарур набошад, вале доир ба фаъолияти эҷодии онҳо ҷоиз донистем маълумоти мухтасар диҳем. Ин чаҳор нафар идомадиҳандагони анъанаҳои Баҳром Фирӯз ва Ҷонибеки Қувноқ дар кӯҳистони Нуратову Фориш мебошанд.

Паймон (Тӯхтамиш Тӯхтаев) 24 феврали соли 1955 дар хоҷагии ҷамоавии ба номи Шариф Раҳимов (ҳоло ҷамъияти шаҳрвандони «Синтоб»)-и ноҳияи Сайҳунобод ба дунё омадааст. Соли 1972 мактаби рақами 38-уми ноҳияи Нураторо, ки дар он устодон Ҷонибек Қувноқ ва Бекназар Тӯйназар низ таълим гирифтаанд, хатм намуда, соли 1973 ба Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқанд ба номи Садриддин Айнӣ дохил мешавад, онро соли 1977 тамом мекунад. Муддати шаш сол дар мактаби рақами 38-ум аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дарс мегӯяд. Аз соли 1982 то ҳол дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ба сифати паёмнигор ва муҳаррири бахши фарҳанг фаъолият дорад.

Паймон узви Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон (соли 1984), узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон (соли 1995) ва узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (соли 2010) мебошад. Осори Паймон дар кишварҳои хориҷа чандин бор дар баёзу китобҳои шеърии мунташиршуда дар Эрон, Фаронса ва Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Паймон муаллифи китобҳои шеърии «Санги навишта» (Душанбе, «Адиб», 1991),»Шабовез» (Тошканд, «Ёзувчи», 2000), «Шабоҳанг» (Тошканд, «Шарқ» 2012), «Даҳ пурсишу даҳ посух» (Тошканд, 2019), «Девон», ҷилди аввал (Тошканд, «Адабиёт», 2021), «Шабогард» (2022), «Даҳ пурсишу даҳ посух» (Тошканд, 2024) ба ҳуруфи форсӣ ва дигарҳо мебошад.

Паймон дар тарҷумаи бадеӣ низ маҳорат дорад. Асари машҳури «Назм-ул-ҷавоҳир»-и шоир ва мутафаккири бузурги ӯзбек Алишери Навоиро ба тоҷикӣ баргардондааст.

Паймон дорандаи медали «Шӯҳрат», орденҳои «Дӯстлик»-и Ӯзбекистон ва «Дӯстӣ»-и Тоҷикистон, «Аълочии таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон», «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва барандаи нишони «Сухан»-и Тоҷикистон мебошад.

Агарчи Абдулло Субҳон 2 марти соли 1955 дар ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё дида ба дунё кушода, пас аз хатми мактаби миёна ба Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқанд ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, соли 1976 онро хатм намудааст, аслан, мисли Паймон, реша дар кӯҳпояи Нурато дорад. Чанд сол дар мактабҳои зодгоҳаш аз фанни забон ва адабиёти тоҷик дарс додааст. Ҳанӯз аз замони донишҷӯйӣ мақолаю шеърҳои ӯ дар рӯзномаю маҷаллаҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон ба табъ мерасиданд. Аз соли 1989 то ба имрӯз дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ба ҳайси мудири бахши адабиёт ва ҳунар фаъолият дорад.

Осори шоир тавассути китобҳои «Мушки субҳ» (Душанбе, «Адиб», 1988), «Нидои сарбадор» (бо алифбои форсӣ, Тошканд, «Ҳоҷӣ Сотимхон» 1992), «Уфуқи пиндор» (Тошканд, «Меҳнат», 2000), «Гарди анҷум» (Тошканд, «Ӯзбекистон», 2007), «Марзи хуршед» (Тошканд, «Turon zamin ziyo», 2015), «Фарёди сукут» (Тошканд, «Тамаддун», 2023) ба дасти хонандагон расидааст.

Ашъори Абдулло Субҳон дар чандин маҷмӯаву баёз дар кишварҳои Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Абдулло Субҳон узви иттифоқҳои нависандагони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, Аълочии фарҳанги Тоҷикистон, барандаи медали «Шӯҳрат» дар Ӯзбекистон мебошад. Боиси хурсандист, ки рӯзи ҷашн Абдулло Субҳон аз ҷониби ҷонишини раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Равшан Махсумзод бо нишони «Сухан»-и Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон сарфароз гардонида шуд.

Доир ба ҳаёт ва осори нависандагон, устод Бекназар Тӯйназар ва Юнуси Имомназар нависанда ва хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё Шариф Халил маълумоти муфассал дод.

Бекназар Тӯйназар, бемуҳобот тақрибан ба ҳамаи кормандони имрӯзаи рӯзномаи «Овози тоҷик» ҳаққи устодӣ дорад. Равшан Махсумзод, ки худ зодаи воҳаи Сурхон аст, эътироф намуд, ки нависанда Бекназар Тӯйназар дар ташаккули фаъолияти рӯзноманигорӣ ва нависандагии ӯ саҳм гирифтааст.

Бекназар Тӯйназар дар деҳаи Эҷи кӯҳистони Нурато таваллуд шудааст. Пас аз хатми мактаби овозадори Синтоб дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқанд ба номи Устод Садриддин Айнӣ таҳсил гирифтааст. Ӯ аз соли 1974 то бознишастагӣ дар идораи «Овози тоҷик» ҳамчун муҳаррири шуъбаи мактаб ва давлату ҳуқуқ ифои вазифа мекунад. Мақола ва ҳикояву тарҷумаҳои устод Бекназар дар саҳифаҳои матбуот аз соли 1967 инҷониб ба табъ расидаанд. Намунаҳои эҷоди ӯ дар китобҳои «Саргузашти Амонбой ва Давлатбой», «Чакомаи пирӯзӣ» ва «Хумчойнак» чоп шудаанд. Нахустин китоби мукаммали устод бо номи «Бори дил» соли 1999 аз тариқи нашриёти «Ӯзбекистон» ба табъ расида буд. Китоби дигари ӯ бо номи «Дар кӯчаҳои шаҳр», ки байни хонандагон хеле маҳбубият пайдо намудааст, тариқи нашриёти «Тафаккур қаноти» соли 2013 чоп шуд.

Юнуси Имомназар ба шасти камолот расид. Ӯ дар деҳаи Эҷ ба дунё омада, дар мактаби рақами 43-юми ноҳияи Нурато таҳсил намудааст. Баъди хатми мактаб ба шуъбаи форсии факултаи забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил мешавад. Пас аз хатми донишгоҳ Юнус чанд сол дар мактабҳои миёнаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон омӯзгорӣ намудааст. Моҳи апрели соли 1996 ӯро барои кор ба шуъбаи тоҷикии радиои ҷумҳурӣ ба Тошканд даъват мекунанд. То соли 2000-ум дар ҳамин шуъба фаъолият дошт.

Юнус дар ҳавзаи адабиёти Ӯзбекистон ҷойгоҳи худро дорад. «Аз санг сахт аз гул нозук» (2010), «Ҷоми саргардон» (2014), «Деҳаи зархез» (2016), «Се барги сабз» (дар ҳаммуаллифӣ, 2019), «Хирмани сухан» (Китоби якум, Тошканд, 2019), романи «Сабзу сурх» (Тошканд, «Тамаддун», 2020) номгӯйи нопурраи осори бадеӣ ва тарҷумавии Юнуси Имомназар мебошанд.

Юнуси Имомназар ҳамчун як эҷодкори шинохта ба корҳои нек даст мезанад. Маҳз бо ташаббуси ӯ дар байни мактабҳои тоҷикии навоҳии Нуратои вилояти Навоӣ ва Фориши вилояти Ҷиззах маҳфили «Хирадманд» баргузор мегардад, ки шогирдони мактабиро ба китобхониву эҷоди осори бадеӣ водор мекунад. Дар дили наврасон шавқу завқро нисбат ба эҷод ва адабиёт афзун месозад.

Дар нишасти адабию фарҳангӣ сафир Абдуҷаббор Раҳмонзода соҳибҷашнҳо ва иштирокдорони олимпиадаи забон ва адабиёти тоҷикро байни хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ аз вилоятҳои Навоӣ ва Ҷиззах бо сипоснома ва ҳадяҳо тақдир намуд.

Толибилмони мактабҳо аз ашъори адибон шеъру суруд хонда, аз осори насрии онҳо саҳначаҳо гузоштанд, ки хеле хотирнишин буд. Боиси таҳсин аст, ки бо сарварӣ ва ташаббуси намояндаи ҳокимияти ноҳияи Нурато Воҳид Қобилов хонандагони мактаби рақами 35, ки таълим ба забони қазоқӣ аст, шеърҳои Паймон ва Абдулло Субҳонро дар тарҷума ба забонҳои қазоқӣ ва ӯзбекӣ қироат намуданд.

Бешубҳа, иди мавлуди адибон дар сатҳи баланд гузашт ва ба ҳозирин таассуроти хуби маънавӣ гузошт.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

***Аксбардор:***
***Раҳимшоҳ ШАРИФЗОДА.***

*Ба муносибати 80-солагии адиб ва журналист Муҳаммад Ҳаким*

# СОҲИБИ ИСТЕЪДОДИ СЕРПАҲЛӮ БУД



Дар яке аз ҷамъомадҳои муаллимон директори мактаби рақами 13-уми ноҳияи Чуст Машраббой Ҳомидов ба мо, ҳамкасбон изҳор дошт, ки дар ноҳия 33, дар шаҳри Чуст 80 фоизи аҳолӣ тоҷик будаанд. Барои ҳамин як саҳифаи рӯзномаи «Чуст ҳақиқати» минбаъд ба тоҷикӣ чоп мешавад. Метавонед ба рӯзнома обуна шавед ва саҳифаеро ба забони худ хонед, дар он навиштаҳои худро нашр кунед.

Ин мужда ба мо, ҷавонон, шодию фараҳ бахшид.

То ин дам мо рӯзномаи тоҷикии сӯхиёнро ҳавас мекардем. Аламзада ҳам будем, ки чаро мо, чустиён, чунин нашрия надорем!

Бо вазидани боди демократия дар Ӯзбекистони нимаи дуюми солҳои 80-уми асри бистум як саҳифаи чанде аз рӯзномаи ноҳияҳои тоҷикнишини ҷумҳурӣ ба забони тоҷикӣ нашр шуданд. Чопи саҳифаи навтаъсиси тоҷикии «Чуст ҳақиқати» низ оғоз шуд. Дар ҳар нашри он муаллимону хонандагони ноҳия, воқеан, фаъол иштирок карданд.

Боре ба идораи рӯзнома даромада, Муҳаммад Ҳакимро бо ин рӯйдоди фарҳангӣ табрик гуфтам.

Муҳаммад Ҳаким масъули саҳифаи тоҷикӣ муддате котиби масъули созмони ноҳиявии Иттиҳоди рӯзноманигорони ҷумҳурӣ ва узви кумитаи топонимии ҳокимияти ноҳияи Чуст низ буд. Солҳои аввали истиқлол бо саъй, мулоҳиза ва пешниҳодҳои ӯ номҳои таърихии маҳалли Бибиона ва хиёбони Чилдухтарон эҳё шуданд. Бибиона ин зиёратгоҳи қадимӣ аст. Аҳли оилаи Муҳаммад Ҳаким аз ҷумлаи сокинони он маҳаллаю кӯча мебошанд. Ба номи Чилдухтарон универмаг ҳам буд ва он аз байн рафт. Ба ҷойи он нуқтаҳои савдою хидматрасонӣ кушода шуданд.

Муҳаммад Ҳаким 5 июни соли 1945 дар маҳаллаи ҳозираи Бибионаи шаҳри Чуст таваллуд ёфтааст. Маълумоти миёнаро дар ҳаминҷо гирифт. Соли 1966 факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгории Душанберо хатм намуд. Ду сол дар совхоз-техникуми шаҳри Бохтар (собиқ Қӯрғонтеппа)-и Тоҷикистон ҳамчун муаллим кор кард. Баъди хидмати яксолаи ҳарбӣ дар омӯзишгоҳи педагогии Чуст аз фанҳои забон ва адабиёт сабақ дод.

Аз соли 1971 директори мактаби шабонаи коргарҷавонон, котиби масъули ҷамъияти «Дониш», равишомӯзи кумитаи партиявии ноҳия, муовини мудири шуъбаи тарғибу ташвиқот ва мудири кабинети сиёсии ин идораи ҳизбӣ буд.

Адиб ба арсаи адабиёт бо ҳаҷвияҳо дохил шуда, пас ҳикоя, очерк ва қиссаҳо навишт. Аввалин китоби ҳаҷвии ӯ «Ҳақиқатни гапир, жигарим» («Ҳақиқатро бигӯ, ҷигарам») ибтидои солҳои 90-уми асри XX чоп шудааст. Адиб минбаъд китоби дастҷамъии илмиву оммавии «Чуст тарихи», китобу маҷмӯъаҳои «Шаҳло», «Чуст адиблари» (тазкира), «Саховат» (ҳар ду бо ҳаммуаллифӣ), « Умр сабоқлари», «Қисмат», «Калаванинг учи» («Сари калоба»), «Сотим Улуғзода», «Ҳаж жозибаси» (сафарнома), «Фидоийлар», бо ҳаммуаллифӣ, «Огоҳлик қўнғироғи» («Зангӯлаи огоҳӣ», ӯзбекӣ ва тоҷикӣ), «Маънавият сарчашмаси» («Сарчашмаи маънавиёт», тазкира) ва ғайраро навишта чоп кард. Асарҳои вай хонандаю муштариёни хешро пайдо карданд.

– Ман баъди номаи камол гирифтан, – гуфт собиқадори меҳнат, раиси Маркази маданию миллии тоҷикони вилояти Намангон Абдусаттор Ғафуров, – солҳои 60-уми асри гузашта дар хоҷагии ҷамоавии «1 май» (пас «Сабзазор») кор сар кардам. Дар ин ҷо сардори бригада, ҳисобчӣ, сариқтисодчӣ будам, баъдан раиси хоҷагии ҷамоавӣ шудам. Бо Муҳаммад Ҳаким дар як маҳалла зиндагӣ мекардем, ба ман доир ба роҳбарӣ маслиҳатҳои хуб медоданд. Шояд аз ин бошад, депутати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон интихоб шудам. Муҳаммад Ҳаким ҳам дар корҳои иҷтимоӣ боғайрат буданд. Яке аз онҳо ташкил кардани Маркази маданию миллии тоҷикони вилоят буд. Ба маркази навташкил ман раис шудаму Муҳаммадҷонако ҷонишин буданд, дар ин вазифаи масъулу ҷамъиятӣ фаъолияти нағз доштанд.

Муҳаммад Ҳаким, ки шахси дилкушо, ҳазлкаш буд, дӯстон, ҳамкорон, ҳатто ҳамсараш – Муҳаббатро ҳам бо ҳазлу шӯхӣ руҳбаланду шод менамуд. Ҳамсараш гоҳо мепурсид:

– Бо ман барои чӣ ин хел ҳазл мекунед?

– Ман ҳаҷвнигорам, ту ҳам ба ман бо ҳаҷв ҷавоб гардон, – мегуфт ӯ.

Завҷааш ҳазлҳои ӯро хуш қабул мекард. Аз онҳо кайфияти хуб мегирифт, гарчи баъзан ҷавоби мувофиқ гардонда натавонад ҳам.

Муҳаббатапа гуфт:

– Шавҳарам номи зиёратгоҳи Бибионаро бароварда, машҳур карданд. Номи кӯчаи мо Комсомол буд. Онро ҳам ҳамноми зиёратгоҳ карданд, ки ҳоло ба номи Бибиона аст.

– Мо чор писарем, – гуфт писари хурдӣ Маъмурҷон. – Калонӣ Музаффар – гаҷкор, дуюмӣ Муродҷон – наққош, баъдина Маҳмудҷон – бинокор мебошанд, ман – тоҷир.

Хабар дорем, ки Муҳаммад Ҳаким бо орзую ҳавас барои он, ки ба забони модариашон таҳсил гиранд, фарзанди сеюм – Маҳмудҷонро дар техникуми бинокории Истаравшан ва чорумӣ – Маъмурҷонро дар техникуми хӯроквории Исфараи Тоҷикистон хононда буданд. Фақат Мунаввара пайи падарро зер карда, муаллими забон ва адабиёт шуд. Онҳо мутахассисони хуби соҳаи худ шуданд.

– Падарам бо ҳаҷву лутфашон давраю нишастҳои оилавию наздиконро метасфонданд. Худо ба дилашон андохта будааст, пеш аз вафот фарзандон, набераю абераҳоро ҷамъ карда, зиёфат дода, моро мамнун карданд. Ба хаёли ягонтои мо наомада буд, ки зуд аз олам мегузаранд. Худо раҳмат кунад.

Меҳнату заҳматҳои падар бо медали «Меҳнат фахрийси», нишонҳои сарисинагии 10 ва 20-солагии истиқлол, Аълочии таълими халқи ҷумҳурӣ, муаллими тоифаи олии забон ва адабиёт тақдир гаштааст, – мегӯяд Маъмурҷон.

Дар боғи маданият ва истироҳати шаҳри Чуст ба номи Мавлоно Лутфуллоҳ осорхонаи таърихӣ месозанд, чунин осорхонаро дар маҳаллаи Бибиона ҳам ташкил карданианд. Бо дархости мутасаддиён аҳли хонаводаи Муҳаммад Ҳаким ният доранд, ки як гӯшаи ин осорхонаҳоро бо сурат, маълумот ва китобҳои падарашон оро диҳанд.

**Ш. МИРЗОЕВ.**

*Вилояти НАМАНГОН.*

# ҲАЙКАЛТАРОШОНИ ҶАВОН КАМОЛ МЕЁБАНД

***Дар асоси Фармони Президенти мамлакат аз 23 январи соли 1997 «Дар бораи таъсиси Академияи бадеии Ӯзбекистон» ва Қарори Девони Вазирон аз 11 марти соли 1997 «Дар бораи ташкили фаъолияти Академияи бадеии Ӯзбекистон» дар заминаи факултети мусаввирии Донишкадаи давлатии санъати Тошканд ба номи Маннон Уйғур Донишкадаи миллии мусаввирӣ ва тарроҳии ба номи Камолиддин Беҳзод ташкил гардид.***



Донишкада ба номи бузургтарин мусаввир, наққош Камолиддин Беҳзод, ки мактаби минётураи Шарқро таъсис додааст, гузошта шуда, факултети санъати тасвирӣ ҳамчун пояи асосии он ташкил карда шуд. Ҳоло дар ин факултет шаш кафедра – рангтасвири дастгоҳӣ, рангтасири маҳобатнок, минётура ва хаттотӣ, рангтасвири ороиши театр, ҳайкалтарошӣ амал мекунанд.

Кафедраи ҳайкалтарошии факултет яке аз кафедраҳои куҳантарини боргоҳи таълимӣ ба шумор меравад, ки тӯли солҳо дар ин ҷо омӯзгорони ботаҷриба фаъолият намуда, ба рушди санъати ҳайкалтарошӣ дар Ӯзбекистон саҳм гузоштаанд.

Дар ин кафедра ба масъалаи таҷдиди соҳаи таълим тибқи талаботи замон, омодасозии кадрҳои дорои иқтидори бузурги зеҳнӣ ва рақобатпазир диққати махсус дода мешавад.

Тӯли солҳо дар ин ҷо Улуғбек Курёзов, Ӯктам Саидов, Анвар Ӯроқов, Улуғбек Юсупов, Нафиса Гилманова ва Нодирбек Усмоновҳо ҳамчун мудири кафедра фаъолият намуда, барои таҳкими робитаҳои таълимӣ, рушди соҳа, омодасозии мутахассисони варзидаи ҳайкалтарош, инкишофи методика ва педагогикаи санъати ҳайкалтарошӣ, роҳандозии таҳқиқоти илмӣ ҷиҳати роҳандозии технологияҳои рақамӣ дар ин самт саҳм гузоштанд.

Натиҷаи заҳмати устодон аст, ки шогирдони самтҳои «Ҳайкалтарошии маҳобатнок» ва «Ҳайкалтарошии хурди пластикӣ»-и кафедра дар намоишгоҳ, ҳамоиш, чорабиниҳои соҳаи ҳайкалтарошии мамлакат ва ҷаҳон, инчунин, дар озмуну мусобиқаҳои маҳалливу байналмилалӣ фаъол иштирок мекунанд.

Аз ҷумла, чанде пеш кафедраи мазкур дар Фестивали байналмилалии анъанавии санъати тасвирӣ ва амалӣ» фаъол иштирок карда, дар номинаи «Беҳтарин ташкилотчӣ» пирӯз гардиданд.

Инчунин, магистранти курси якуми кафедра Тоҳирҷон Аҳмадов дар ҷодаи таҳсил ва эҷод ба комёбиҳои зиёд ноил гардидааст. Ӯ соли 2020 дар озмуни байналмилалӣ, ки дар шаҳри Остонаи Қазоқистон ба муносибати 175-солагии шоир, файласуфи бузурги қазоқ Абай Кӯнонбоев аз рӯйи самтҳои рангтасвир, графика ва ҳайкалтарошӣ гузаронида шуд, соҳиби Шоҳҷоиза гардид. Соли 2021 стипендияи давлатӣ ба номи Камолиддин Беҳзодро ба даст овард.

Боиси эътироф аст, ки дар кафедра теъдоди чунин ҷавонони заковатманд ва боистеъдод зиёданд.

Ғайр аз ин, бо мақсади афзунсозии таваҷҷуҳ ва завқмандии шогирдон, ҳамзамон ҳамватанон ба соҳа, таҳти ташаббуси роҳбарияти донишкада мунтазам намоишгоҳи асарҳои устодони ҳайкалтарош гузаронида мешавад. Баргузории намоишгоҳи шахсии устоди калони кафедра Ӯктам Саидов таҳти унвони «Тафаккур ва тасвир» дар Осорхонаи санъати минётураи Шарқи Академияи бадеии Ӯзбекистон, намоишгоҳи устоди дигари кафедра Улуғбек Усмонов дар мавзӯи «Сарчашма» дар корвонсаройи байналмилалии фарҳангии ба номи Икуо Хираяма аз ин ҷумлаанд.

Бояд гуфт, ки имрӯзҳо дастпарварони соҳаи ҳайкалтарошӣ дар коллеҷҳои махсуси соҳаи санъати тасвирӣ, галереяҳои санъат, осорхонаҳо, масканҳои ҳунармандӣ, инчунин, мавзеъҳои таърихӣ фаъолият намуда, барои рушди мактаби ҳайкалтарошии мамлакат саҳм мегузоранд.

**Турсунпӯлат ҚОДИРОВ,**
**донишҷӯйи Донишкадаи**
**миллии мусаввирӣ ва**
**тарроҳии ба номи Беҳзод.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-628.
Адади нашр 3696. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.